**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Олимони хориҷӣ ва ватании наслҳои гуногун ба таҳқиқ ва таҳлили мушкилоти рушди ташаккули меъморӣ-фазоии сайёҳӣ машғул буданд. Манбаъҳои муҳими назариявӣ, ки дар онҳо масъалаҳои Банақшагирии ташаккули рушди сайёҳӣ дар ҶТ (БТРС ҶТ) ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудаанд, асарҳои олимони зерин дохил мешаванд: Притыкин В.П., Гусенов Д., Негматов А.М., Акбаров А.А., Тиллоев С.С. Рахматуллаева Ш.И., DİNÇER F. İ., Marzuki A., Rogers S.C., Юнуси М.К., Гулов С.Х., Карамхудоев Х.Е., Алидодов Б.А. Рыкун Г.Н., Мукимов Р.С., Огаркова И.В., Васильцов К.С., Сильнов А.В., Мамедов Г.В., Беридзе В., Ерзовский А.В., Иванцова А.И., Газмагамаев М.М., Костина В.И., Лысиков О.В., Анисимова М.В., Сапьяная Е.М. Заминаи назариявии таҳқиқот дар соҳаи шаҳрсозӣ ва ташаккули усулҳои меъморӣ-фазоӣ ва конструктивии лоиҳасозии иншоот дар минтақаи кухӣ, иқлими гарм, хушк ва зилзиланокии баландро корҳои олимони зерин ташкил додаанд: Дж.Э. Аронин, Н.М. Бачинский, Л. Корбюзье, Г. Липсмайер, Е.Р. Крюкова, А.А. Акбаров, К.А. Курбанлиева, В.А. Лаврова, Ш.И. Рахматуллаева, Б.Д. Мамедсахатова, М. Мехта, В.А. Нильсен, Н.В. Оболенского, Б.С. Саини, А.Н. Римши, А. Эсенов.

Омӯзиши мероси Тоҷикистон дар таҳқиқоти чунин мутахассисон асос мегирад: Б.П. Денике, С.А. Ершов, С.С. Тиллоев, Б.Н. Засыпкин, Р.С. Мукимов, В.Н. Массон, В.И. Пилипко, Г.А. Пилявский, В.И. Пугаченкова, А.А. Сарианиди, С.П. Семенов, А.Ю. Якубовский.

Дар консепсияҳои илмии Ҷ.Э. Аронин намунаҳои тарҳрезии биноҳо мувофиқи шароити иқлимӣ оварда шудаанд. Олими дигар А.А. Акбаров ҷанбаҳои муҳимтарини такмили ташкили меъморӣ ва банақшагирии маҳалҳои деҳотро дар шароити минтақаҳои куҳии Тоҷикистон пайдо ва коркард намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия бевосита бо самти афзалиятноки рушди ташаккули меъморӣ - фазоии инфрасохтори туристӣ, ки бо муқаррароти Стратегияи рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди эко-туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, робитаи мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиш ва такмил додани принсип ва усулҳои асосии ташаккули меъморӣ - фазоии инфрасохтори туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:**

- омӯхтани омилҳои асосие, ки ба мавқеи умумии иқтидори фароғатнокӣ таъсир мерасонанд;
- омӯзиши меъёрҳои асосии ташкили инфрасохтори туристӣ дар маҷмӯъ;
- муайян намудани принсипҳои асосии муосири ташаккули меъморӣ-фазоии инфрасохтори сайёҳӣ;
- дида баромадани усулҳои асосии рушди инфрасохтори туристӣ дар ҶТ;
- муайян намудани принсипҳои мероси таърихӣ ва фарҳангӣ дар шароити ҳозираи тарҳрезии иншооти сайёҳӣ;
- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.

**Объекти таҳқиқот** – инфрасохтори туристӣ дар ҶТ.

**Предмети таҳқиқот** ташаккули меъморӣ-фазоии инфрасохтори туристӣ дар ҶТ.

**Навоварии илмии таҳқиқот:**

1. Дида баромадани тасвирҳои нави ҳаҷмӣ-меъморӣ ва ҳалли ҳаҷмӣ-композитсионӣ оид ба таҷдиди маҷмааҳои фароғатӣ ва объектҳои инфрасохтори туристӣ.
2. Такмили ҳалли консептуалии меъморӣ-фазоӣ, ки ҳангоми ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти шароити табиӣ-иқлимии ҶТ.
3. Пешниҳоди усулҳои автоматикунонии равандҳои меъмории лоиҳакашӣ, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир.
4. Муайян намудани имкониятҳои ҳамгироии технологияҳои навтарин ҳангоми ташаккули объектҳои сайёҳӣ бо назардошти шароити табиӣ-иқлимии ҶТ.

Навоварии кори илмӣ дар ҷараёни тадқиқоти анҷом додашуда асос ёфтааст, маҳз дар:

- дар асоси харитаи Роҳи бузурги абрешим барқарор намудани хатсайри хоси сайёҳӣ аз рӯи ёдгориҳои таърихии мероси меъмории ҶТ;
- тартиб додани харита бо нишон додани ҷойҳои аз ҳама бештар ташрифовардашуда ва нодири меъморӣ ва таърихӣ;
- истифодаи нуқтаи назари замони муосир дар масъалаҳои лоиҳакашӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- принсипҳои асосии ташаккули меъморӣ – фазоии объектҳои инфрасохтори сайеҳии Тоҷикистон, ки ҳамоҳангиро бо муҳити табиии атроф таъмин мекунанд;

- муайян намудани омилҳое, ки ба вазъи умумии иқтидори рекреатсионии ҶТ ва робита байни меъёрҳои асосии ташаккули инфрасохтори сайеҳӣ таъсир мерасонанд;

- ташаккули симои ягонаи меъморӣ-фазоии мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои анъанавии меъмории миллӣ ва унсурҳои ороишӣ бо истифода аз моделсозии 3D;

- муаррифии минтақаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори туристӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо назардошти иқтидори туристӣ ва тахассусии онҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** равона гардидааст ба омӯзиш ва таҳлили захираҳои сайёҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳо ва технологияҳои муосири соҳаи лоиҳакашӣ ва сохтмон, ки барои таҳияи принсипҳои ҳалли симои ҳаҷмӣ-меъморӣ ва консептуалии меъморӣ-фазоӣ ва барои азнавсозӣ ва рушди комплексҳои туристӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар ташаккули усули нави меъморӣ – фазоии инфрасохтори сайёҳии ҶТ ва ноил шудан ба самаранокии техникӣ-иқтисодии истифодаи усулҳои пешниҳодшуда дар амалӣ гардидани БТРС ҶТ (банақшагирии ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар ҶТ), инчунин дар мисолҳои ҷорӣ намудани намунаҳои дар хориҷа тасдиқи самаранокии принсипҳои муқаррарнамудаи БТРС ҶТ ва пайгирии он дар лоиҳакашӣ асос ёфтаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи воситаҳо ва усулҳои муосири гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои мавҷуда ва истифодашавандаи натиҷаи тадқиқотҳои таҳиягаштаи дигар муаллифон таъмин карда мешавад. Муқаррароти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ ба дастовардҳои пешрафтаи соҳаи лоиҳасозӣ, меъморӣ ва сохтмон асос ёфтаанд.

**Диссертатсия ба шиносномаи тахассуси илмии** 6D042000 – "Меъморӣ", (6D042001 - Назария ва таърихи меъморӣ, барқарорсозӣ ва таҷдиди мероси таърихӣ ва меъморӣ) аз рӯи бандҳои зерин мувофиқат менамояд:

2. Ҷанбаҳои этнофарҳангӣ, минтақавӣ, нақшавӣ, функсионалӣ ва муҳитии ташаккул ва рушди шаҳрҳо, маҳалҳо ва ёдгориҳои ҳунари манзаравӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо.

4. Ҷанбаҳои хосси ташаккули симои меъморӣ, шакл ва услуби меъмории таърихӣ ва муосири Тоҷикистон ва дигар кишварҳо.

5. Қонуниятҳо ва ҷанбаҳои фазоӣ-композиционии ташаккул ва инкишофи манзараҳои сунъии таърихӣ ва муосир дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳо.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳияи меъёрҳои асосии таъсиррасон ба сохтор ва ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ташаккули меъморӣ-фазоӣ дар муҳити мавҷудбудаи табиӣ-иқлимӣ дар қаламрави ҶТ мебошад. Инчунин пешниҳоди як қатор роҳҳои оптимизатсия ва автоматикунонии қисмҳои равандҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои меъморӣ - фазоӣ, бо ҳамгироии минбаъдаи усулҳои навтарини омӯхташуда ба рушди инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон.

**Тасвибияти натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар чорабиниҳои зер маъруза ва муҳокима карда шудаанд: конфронси байналмилалии илмӣ-амалии олимон ва донишҷӯёни ҷавон «Моисеевские чтения-2023» (Донишгоҳи давлатии Пенза, 2023); семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Татбиқи нақшаи генералӣ дар асоси манбаи эҷодӣ: самаранок истифода намудани меъёрҳо ва қоидаҳои шаҳрсозиву сохтмонӣ" Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (ш.Душанбе, 2020); конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ барои омӯзгорон, донишҷӯён, магистрҳо ва олимони ҷавон дар мавзӯи "Рушди сохтмон ва меъморӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон" Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (ш.Душанбе,2021); пайёми политехникӣ (силсилаи тадқиқоти муҳандисӣ) ДДТ ба номи акад. М.С. Осимӣ (ш. Душанбе, №2 (54) 2021, №3 (58) 2022, №4 (58) 2023), №4 (64) 2023с.); натиҷаҳои диссертатсия ба раванди таълимии кафедраҳои "Меъморӣ ва Дизайн" ва "Дизайни муҳити меъморӣ ва тармим" - и ДТТ ба номи акад. М. С. Осимӣ, тавсияҳо оид ба ворид намудан ба КВД Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД ПИТЛ «Душанбешаҳрсоз» қабул карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои пешбари ретсензиявии рӯйхати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаҳои асосӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо миқдори 130 адад, сомонаҳои электронӣ, замимаҳо, 147 саҳифаи чопӣ бо назардошти 21 расм ва 17 ҷадвал иборат аст.

## ҚИСМАТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии мушкилоти он нишон дода шуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии он муайян шудаанд. Объект ва мавзӯи (предмети) таҳқиқот муайян карда шуда, саҳми шахсии муаллиф нишон дода шуда, муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшуда муайян карда шудааст.

**БОБИ 1** «ОМИЛҲОИ МАВҶУДАИ ТАЪСИРРАСОН ВА МАВҚЕИ УМУМИИ ИҚТИДОРИ ФАРОҒАТИИ МИНТАҚАҲОИ КУҲӢ ВА БАЛАНДКУҲИ ҶТ». Боби мазкур аз чор банд иборат аст:

1.1. Марҳилаҳои рушд ва ташаккули Роҳи Бузурги Абрешим, ки Шарқ ва Ғарбро мепайвандад. Ҳангоми омӯзиши таърихи рушди Роҳи бузурги абрешим бояд ба қаламравҳое, ки аҷдодони тоҷикони муосир аз замонҳои қадим зиндагӣ мекарданд диққати махсус дод, зеро иншоотҳои меъмории он замон, ки дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгир буданд, вобаста ба даврае, ки онҳо тарҳезӣ шуда буданд, фарқиятҳои муайян доштанд. Биноҳо вазифаҳои муайянро (истикоматӣ, маъмурӣ, фарҳангӣ, динӣ, тиҷоратӣ ва ғ.) иҷро намуда, дорои тасвирҳои истисноии ҳаҷмӣ-стилистӣ ва композитсионалӣ-эстетикии меъморӣ доштанд, ки ба биноҳо хусусияти хосе мебахшиданд. Аз замони қадим тавассути Қаламрави Тоҷикистони муосир корвонҳои тиҷоратии хатсайрҳои Роҳи Абрешим мегузаштанд. Ин қисмат Бохтар, Таҳористон, Суғд, Уструшон ва Фарғонаро бо Ҳиндустон, Чин ва Афғонистон пайваст мекард.

Нотакрории Роҳи Абрешим на танҳо дар тиҷорати ба роҳ мондашуда ва фоидаовар байни Шарқ ва Ғарб буд. Муносибатҳои ташаккулёфта байни давлатҳои қадим имконият доданд, ки арзишҳои фарҳангӣ-этникӣ, рӯзгорӣ, таърихӣ ва ғоявии давлатҳои гуногуне, ки то он вақт ҷудо буданд, муттаҳид кунанд ва бо ҳам мубодила кунанд. Пешбурди боэътимоди татбиқи ин лоиҳа тариқи кишварҳое, ки роҳи абрешим мегузашт, манфиатдоранд, чунки натанҳо дар соҳаи тиҷорат, сиёсат ва иқтисод ба беҳбудӣ мусоидат хоҳад кард, балки механизмҳои бисёрҷанбаи ҳамкориро дар шаклҳои гуногуни иртибот, аз ҷумла ташкили шабакаи инфрасохтори роҳу нақлиёт, ки дар ояндаи наздик объекти нав барои роҳ, роҳи пиёдагард ва дигар намудҳои сайёҳӣ тавассути пайваст намудани Шарқ ва Ғарб хоҳад буд.

1.2. Мавқеи муосири қаламрави ҶТ ҷиҳати мавҷудияти ҷойҳои фарҳангӣ-таърихӣ, минтақаҳои муҳофизатӣ- мамнугоҳӣ, дарёҳо ва манбаъҳои обӣ. Дар ин банд мавҷудияти манбаъҳои обӣ, минтақаҳои таърихӣ-мемориалӣ ва муҳофизатӣ-мамнугоҳӣ дар қаламрави имрӯзаи ҶТ баррасӣ шудаанд. Табиати Тоҷикистон дар баробари самтҳои эътирофшудаи сайёҳӣ низ беназир аст. Дар маҷмӯъ, ҷойҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва ҷойҳои асосии табииро метавон ҷудо кард, аз ҷумла: ҷойҳои фарҳангӣ-таърихӣ: Саразм, Панҷакент, Хуҷанд, Ҳисор, Ҳулбук, Мақбараи Мир Саид Али Ҳамадонӣ, Шайх Муслиҳиддин ва ғайра. Мамнӯгоҳҳо: Бешаи палангон, Ромит, Даштидҷум, Зоркул. Боғҳои миллӣ: Боғи миллии Тоҷикистон, Боғи таърихӣ-табиии Ширкент. Парваришгоҳҳо: Музкул, Искандаркул, Сайвотӣ, Заравшон, Кусавлӣ, Камаров, Чилдухтарон, Даштидҷум, Қаратоғ, Сангвор, Норак, Алмосӣ, Актошӣ [83]. Ташкили сохтори ягонаи боғҳои миллӣ, мамнугоҳҳо ва парваришгоҳҳо имкон медиҳад, ки ҷойҳои мусоид, зебоманзар ва ҷолиброи барои намудҳои гуногуни сайёҳӣ ва минтақаҳои рекреатсионӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шаванд (расми 1).




**Расми 1.** Мамнӯъгоҳҳо, боғҳо ва парваришгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.3. Мавзӯи сайёҳии минтақавии фароғатӣ. Дар банди мазкур таснифоти намудҳои сайёҳӣ ва объектҳои хизматрасонии иҷтимоии мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Соҳаи сайёҳии Тоҷикистонро метавон ба се намуди асосии минтақаҳои рекреатсионӣ тақсим кард:

- Фаъол (дрифтинг, кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, велосипедронӣ, пиёдагардӣ);
- Саломатӣ (иқлим-мусоид, обҳои минералӣ, лойҳои шифобахш);

-Фарҳангӣ-таърихӣ (осорхонаҳо, театрҳо, ёдгориҳои меъморӣ). Ва дастрасии онҳо ба аҳолии маҳаллӣ ва меҳмонони хориҷӣ. Талабот ба экотуризм торафт меафзояд, ки принсипҳои ҳифзи табиат ва сафари эҳтиёткоронаро дар бар мегирад ва бо эҳтиром ба аҳолии маҳаллӣ, ба ин намуди сайёҳӣ ташриф овардан ба мамнӯгоҳҳо, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои меъморӣ ва таърихӣ ва шиносоӣ бо манзилҳои деҳотӣ хос аст.

1.4. Шароити мавҷудбудаи инфрасохтори иҷтимоӣ ва сайёҳӣ. Дар банди мазкур минтақаҳои имконпазири фароғатӣ бо назардошти маълумоти омӯхташуда дар бораи ҳар як таснифоти номбаршуда муҳокима карда мешаванд. Барои таҳияи сенарияи қолиби сайёҳӣ ҳудуди Тоҷикистонро, марказҳои имконпазири ҷалби сайёҳон бояд омӯхт. Ташкили инфрасохтори туристӣ муносибати комплексиро талаб мекунад, ки ҷалби ихтисосҳои байнисоҳавиро дар назар дорад, ки дар он меъмор нақши калидӣ дорад. Меъморӣ маҳсули сунъии одамоне мебошад, ки иншоотро дар асоси таҷрибаи шахсӣ сохта, саҳми беназири фарҳангӣ ва амиқ гузоштаанд. Агар ҷойҳои таърихии меъморӣ даврони ин ё он давраро инъикос кунанд, пас маҷмааҳои курортӣ-фароғатии муосир бояд қобилияти мувофиқат ба ниёзҳо ва афзалиятҳои муосири ҷомеаро дошта бошанд.

**БОБИ 2** «ОМӮЗИШИ ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ИНФРАСОХТОРИ ТУРИСТӢ». Боби мазкур аз панҷ банд иборат аст:

2.1. Муҳимияти масъалаи ташкили инфрасохтори туристӣ. Дар банди мазкур инфрасохтори туристӣ таҳлил карда мешавад. Ҳангоми таҳлили инфрасохтори туристӣ, ба назар гирифтани омори кишвар ҳангоми пешниҳоди хидматҳои туристӣ хеле муҳим аст. Бахши туристӣ (корхонаҳое, ки дар ин самт фаъолият мекунанд) дар Тоҷикистон аз рӯи намудҳои хизматрасонӣ омӯхта шудаанд. Маълумоти Агентии омор барои соли 2020, шумораи аҳолӣ барои бахши туристӣ ва ширкатҳои туристӣ таҳлил карда шуданд. Ширкатҳои туристӣ, ки хидматрасонии меҳмоннавозӣ (хизматрасонии тарҷумонӣ, гидҳо, туроператорҳо, турагентҳо ва ғ.) ва иншооти фароғатӣ барои сайёҳон (боғҳои мавзӯӣ, санаторияҳо, курортҳо, курортҳои лижаронӣ ва ғайра) пешниҳод мекунанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор доштанд.

2.2. Таҷрибаи байналмилалӣ дар ташаккул ва рушди туристӣ. Дар банди мазкур  ташаккули рушди туристӣ аз рӯи меъёрҳои сершумор, вобаста ба ҳолат, «қолибияти» кишварҳои дар ҳудуди РБА ҷойгиршуда, яъне Чин – Қирғизистон – Қазоқистон – Тоҷикистон – Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон – Озарбойҷон – Гурҷистон, тадқиқот гузаронида шуд. Инчунин омори даромад ва баромади сайёҳон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор доштанд. Ташкили босалоҳияти хатсайр имкон медиҳад, ки маҷмааҳои беҳтарини меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар инфрасохторҳо ба сайри тартибдодашуда ворид карда шаванд, онҳоро пурра истифода баранд ва сармоягузории молиявиро барои сохтани иншооти нав сарфа кунанд.

2.3 Омилҳои табиию иқлимӣ – ангезандаҳои банақшагирии маршрутҳои туристӣ. Омилҳои табиию иқлимӣ ҷузъи муҳиме мебошанд, ки баъдан ба интихоби макони боздид аз ҷониби сайёҳон ва таассуроти онҳо аз сафар таъсир мерасонанд. Иқлим омилест, ки ҳангоми ба нақша гирифтани сафар ба назар гирифта мешавад. Таҳлилҳои умумӣ нишон доданд, ки шароити иқлим ва табиат омилҳои асосии ба нақша гирифтани сафари туристӣ мебошанд. Назарпурсии сайёҳон дар як қатор кишварҳо аҳамияти иқлимро ҳангоми интихоби макони истироҳат муҳимиятро

нишон доданд. Тағйирёбии обу ҳаво ба ташкили сенарияи сафар, инчунин ба хароҷот ислоҳоти хешро ворид мекунад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аксарияти одамон ба макони офтобӣ мераванд. Тадқиқотҳои сершумор дар самтҳои гуногун инчунин робитаи байни шароити обу ҳаво ва баъзе нишондиҳандаҳои сафари сайёҳиро муайян карданд: чиптаҳои мошини болобардор (дар истироҳати лижаронӣ), бозиҳои берунӣ, сайругашт, ҳузур дар боғҳо ва дигар ҷойҳои фарҳангӣ ва таърихӣ.

2.4 Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ – бахшҳои омӯзиши афзоиши даромади туристӣ. Дар банди зерин туристӣ ҳамчун сохтори мураккабе, ки бояд аз чанд паҳлӯ омӯхта шавад, то тасаввуроти дақиқ ҷиҳати оқибат ва таъсири эҳтимолии он ба иқтисоди кишвар омӯхта ва баррасӣ мешавад. Механизми таъсири мутақобилаи сохтор бо даромади ҷамъият ва сайёҳи вуҷуд дорад. Аммо, сарфи назар аз тафовути мафҳумҳои байни ин соҳаҳо – иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, онҳо бояд аз рӯи таъсири мутақобила ва монандӣ бо нишондиҳандаҳои умумии фаъолият аз як нуқтаи назар баррасӣ карда шаванд, зеро онҳо ба сохтори иҷтимоии давлат тақрибан таъсир шабеҳ мерасонанд.

Инчунин ҳангоми дар дигар соҳаҳои афзоиш бошад, дар бахши туристӣ даромад низ мутаносибан меафзояд. Тадқиқоти васеъ, инчунин баррасиҳо ва таҳлилҳо оид ба таъсири сайёҳӣ ба муҳити иҷтимоӣ дар минтақаҳои гуногуни сайёҳӣ ва таҳқиқоти систематикӣ, ки сайёҳӣ ва вокуниши сокинони маҳаллиро ба сайеҳон меомӯзанд, баррасӣ карда шуданд.

2.5. Ташкили унсурҳои ҷалби меъмории сайёҳон дар Тоҷикистон. Принсипҳои асосии ташкили меъмории шифохонаҳо ва муассисаҳои сайёҳӣ бояд ба се параметри асосӣ мувофиқат кунанд:

1. Иқтидори табиии ҷойгиршавии иншооти тарҳрезишуда.
2. Ташкили функсионалии минтақаҳои фароғатӣ.
3. Мутобиқат ба меъёрҳо ва қоидаҳои технологияи сохтмон.

Азбаски манзараҳои фарҳангӣ аҳамияти муҳими иҷтимоӣ доранд, онҳо аксар вақт дар чорабиниҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода бурда мешавад, ки рушди иқтисодии шаҳрро устувор мегардонад. Барои эҳёи минтақаҳои таърихӣ, дар бисёр шаҳрҳо сайёҳатро фаъол намуданд ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангиро амалӣ карданд. Сайёҳӣ ба васеъшавии маҳаллаҳои таърихӣ мусоидат карда, онро ғанӣ мекунад ва ҳамзамон имконияти истифодаи онро зиёд карда, сабаби рушди шаҳр мешавад.

Тавре ки тадқиқотҳо нишон доданд, омилҳои табиию иқлимӣ дар ташаккули вазъи умумии иқтидори фароғатии минтақаҳои кухӣ ва баландкуҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калон ва муҳим мебозанд.

Барои ҷустуҷӯи маълумот як қатор порталҳои иттилоотӣ омӯхта шуда, нишондиҳандаҳои муфассали омори ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҷамъоварӣ карда шуда, «Атласи маълумотҳои ҷаҳонӣ» омӯхта шуданд. Натиҷаҳои муфассал пешниҳод карда мешаванд ва на танҳо барои таҳлили муқоисавӣ, балки барои тадқиқоти минбаъда низ истифода мешаванд. Барои хама гуна тавсияҳо ва пешгӯиҳои тарҳрезӣ на танҳо омилҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоию демографӣ ва миллӣ, балки омилу хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодиро низ ба назар гирифта мешавад.

**БОБИ 3** «ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ МЕЪМОРӢ - ФАЗОӢ ВА УСУЛҲОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ТУРИСТӢ ДАР ҶТ». Боби мазкур аз се банд иборат аст:

3.1. Навсозии комплексҳои мавҷудбудаи фароғатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мафҳуми инфрасохтори туристӣ ҷанбаҳои зиёдеро ба монанди - воситаҳои ҷойгиркунӣ (меҳмонхонаҳо, шифохонаҳо, хобгоҳҳо, мотелҳо, кемпингҳо ва ғайра), объектҳои хӯроки умумӣ (қаҳвахона, тарабхонаҳо), объектҳои меъморӣ-таърихӣ, солимгардонӣ, фароғатӣ ё таъиноти дигардошта, инчунин фаъолияти агентиҳои сайёҳие, ки хизматрасонии дахлдорро таъмин менамоянд, дар бар мегирад. Нуқтаҳои асосии такягоҳии ташкили инфрасохтори туристӣ ва иҷтимоӣ воситаҳои ҷойгиркунӣ, объектҳои хӯрокворӣ ва гиреҳҳои нақлиётӣ мебошанд. Системаи ягонаи корхонаҳо барои соҳаи туристӣ вуҷуд надорад, ин мафҳум бо сохтори мураккаб тавсиф карда мешавад, танҳо силсилаи пайдарпайие мавҷуд аст, ки онро бояд риоя намуд.

Хизматрасониҳои нақлиётӣ → хизматрасониҳои ҷойгиркунӣ → хизматрасониҳои озуқаворӣ.

Ташкили ин намуди инфрасохтор мустақилона фаъолият дошта натавониста, дар ҳамкорӣ бо инфрасохтори умумихоҷагӣ фаъолият мекунад. Дар раванди омӯзиши мавзӯъ се категорияи инфрасохторҳо омӯхта шуд:

• Инфрассохтори асосӣ – осоишгоҳҳои истироҳативу солимгардонӣ дар қаламрави ҶТ;

• Инфрасохтори иловагии объектҳое, ки сифат ва фоиданокии хизматрасониҳоро баланд мебардоранд (объектҳои меъморӣ-таърихӣ, захираҳои табиӣ);

• Инфрасохтори ҳамроҳикунандаи объектҳое, ки қуллай будани хизматрасонии сайёҳиро баланд мебардоранд (бонкӣ, тиббӣ, коммуналӣ-маъишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ);

Дар гузаронидани таҳқиқот, роҳҳои асосӣ, дарозии гиреҳҳо ва сарфи вақти миёнаи сафар аз як нуқта ба нуқтаи дигар дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ ошкор карда шуданд.

Рушди нуқтаҳои хӯрокворӣ дар минтақаҳо, сохтори функсионалӣ ва мавҷудияти нуқтаҳои хӯрокворӣ дар наздикии марказҳои фароғатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Инчунин сохтори ҷойгиркунии сайёҳон аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳо мавриди таҳлил царор дода шуд:

• Ғунҷоиши маҷмааҳо;
• Истифодаи мавсимӣ;
• Дастрасии нақлиёт;
• Нархгузории миёна;
• Қонеъгардонии талаботҳои муосир;
• Рейтинги ҷойҳои маъмултарин ва мудом боздидшаванда;

Сатҳи азхудкунии соҳаи туристӣ ва фароғатӣ бояд дар натиҷаи таҷдид ва азнавсозии маҷмааҳои мавҷудаи осоишгоҳҳои фароғатӣ, ки бо 30%-и иқтидори худ фаъолият менамоянд, баланд бардошта шаванд. Афзоиши шумораи ташрифҳо имкон медиҳад, ки маблағгузории соҳаи туристӣ рушду нумӯъ ёбад, ки ин ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо оварда мерасонад.

Принсипҳои асосии тарҳрезии осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ ба якчанд тарҳҳои банақшагирӣ асос ёфтаанд:

• Муттамарказ;

Маҷмааи осоишгоҳиву фароғатӣ ба як бинои бартаридошта муттаҳид карда мешавад, ки биноҳои ҳамшафати он бо шароити зарурии хизматрасонӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд.

• Гуруҳӣ;

Дар ин ҷо, ғайр аз иншооти асосӣ, павилиони иловагии бо ҳам пайваст низ пайдо мешаванд.

• Намоишӣ;

Тақсимоти иншоотҳо ба таъиноти функсионалӣ ва хусусияти маҳдуддошта.

• Омехта;

Ба якдигар монанд ва ё истифодаи қисмате аз рӯи нақшаҳои тарҳрезишуда.

Тасвири меъморӣ-композитсионии маҷмааҳои рекреатсионии мавҷудбудаи ҶТ, ки барои таҷдид тавсия дода мешаванд, одатан хусусиятҳои умумӣ дорад, ба монанди: террасаҳо, балконҳо, зинапояҳои беруна, галереяҳо, лоджияҳо, ки ҷиҳати ҷорӣ кардани иншоот ба релйефи мавҷудбуда эҳсоси ансамбли ягонаро медиҳад.




**Расми 2.** Таҳияи консепсияи азнавсозӣ дар мисоли шифохонаи"Хоҷа Оби Гарм"

Аз маҷмааҳои фароғатии дар қаламрави ҶТ баррасишуда, маҷмааҳои асосии тавсияшавандаро барои таҷдид ҷудо кардан мумкин аст:

Хоҷа оби Гарм, истироҳатгоҳе, ки дар Дараи Варзоб ҷойгир аст, яке аз шифохонаҳои солимгардонӣ мебошад, ки дар соли 1930 тарҳрезӣ шудааст. Иншоот, ки ҳоло шифохонаро таҷассум мекунад, дертар, соли 1965 аз ҷониби

меъморони "Тоҷикгипрстрой" Владимир Малигин, Марик Садиков, Геннадий Петрусенко, бо сарварии меъмори пешбари Эдуард Ерзовский тарҳрезӣ шудааст.

Дар қисмати тасвирии диссертатсия, маҷмааҳои фароғатии интихобшуда бо тавсияҳо барои азнавсозӣ, ки бо як қатор сабабҳои потенсиалӣ истифода нашудаанд, дар натиҷаҳои бадастомада пешниҳод шудаанд (Расми 2).

Дар мисоли турбазаи Искандаркул инчунин қарорҳои консептуалии баланд бардоштани ҷолибияти меъморӣ, бе сохтмони мураккаб дар қаламравҳои табиӣ бо дахолати нозук ба инфрасохтори мавҷуда пешниҳод карда шуданд.

3.2. Дурнамои рушди минбаъдаи инфрасохтори сайеҳӣ. Дар сархат дурнамои рушди минбаъдаи инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон дар минтақаи Осиеи Марказӣ муайян карда шуданд. Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳоест, ки стратегияи рушди зеҳни сунъиро қабул кардааст. "Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040" дар асоси пешниҳоди асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави кишвар таҳия гардида, дар бунеди it-паркҳо, рушди рақамисозии иқтисодиети мамлакат нақши муҳим мебозад. Қабули Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар даврае сурат гирифт, ки иқтисоди кишварҳои ҷаҳон ва рушди пешрафти сайера ба технологияҳои муосир ва иттилоотӣ рӯ овარданд. Сохтмон, тарҳрезӣ ва иҷрои корҳои мураккаби конструктивӣ метавонад бо робототехникаи махсус иҷро карда шавад. Тадқиқотҳо дар соҳаи технологияҳои навтарин, ки дар меъморӣ истифода мешаванд, нишон доданд, ки дастгоҳҳои бесарнишин ва дронҳое, ки дар заминаи зеҳни сунъӣ коркард шудаанд, дар ҳама марҳилаҳои сохтмон самаранок мебошанд.




**Расми 3**. Принсипҳои ташаккули консепсия дар асоси системаи ҳуҷайраҳо

Истифодаи принсипҳои меъмории мутобиққунанда дар амал метавонад дар сатҳҳои гуногун, аз ҳалли динамикии ҳаҷмӣ-композитсионӣ то интихоби автоматии моделҳои шаҳрсозӣ кор кунад. Ҳамин тариқ, меъмории ин навъ берун аз вақт мегардад. Муносибати замонавӣ ба ташаккули ташкили принсипҳои

инфрасохтори сайеҳӣ ва иҷтимоӣ, ҳамкории барномасозии компютериро бо дигар фанҳо дар бар гирифта, муносибати лоиҳасозиро тағйир медиҳад, ки ин метавонад дар соҳаҳои гуногун ба навовариҳои бемисл ноил шавад.

Барои сохтани инфрасохтор тавсия дода мешавад, ки моделҳои эҳтимолиро бо назардошти ҳамаи маълумоти ҷамъоваришуда ташкил карда шудаанд ва бо воситаҳои ҳуҷайраҳои автоматӣ коркард карда мешаванд, интихоб карда шавад. Ҳуҷайраҳои автоматӣ, системаҳои математикие мебошанд, ки равандҳои гуногунро бо истифода аз алгоритмҳои дарунсохт тақлид мекунанд, ки ба маълумоти афзалиятнок дар ҳудуди додашудаи инфрасохтори тарҳрезишаванда равона мекунад ва дар он системаи нотамом ва номукаммал боқӣ мемонанд.

Системаи автоматҳои ҳуҷайра (АҲ) (Расми 3) пешбинӣ мекунад:

• Рушди самараноки ташкили ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ дар тӯли хатсайри муайяншудаи нақлиётӣ;

• Муайян намудани ҳама намудҳои инфрасохтор (асосӣ, иловагӣ ва ҳамроҳ);

• Татбиқи вариативии вариантҳои пешниҳодшуда, ки визуализатсияи фотореалистии 3D ва арзёбии дастрасии ҷисмониро дар бар мегирад;

• Ҳифзи манзараи табиии ҶТ аз рӯи воситаҳои таҷдид ва барқарорсозии нуқтаҳои такягоҳи ҷойгиркунии сайёҳӣ, дар асоси маҷмааҳои мавҷудаи фароғатӣ дар шаш минтақаи калидии ҷудошуда;

• Пешгирии парокандашавии минтақаҳои наздишаҳрӣ.

Ба воситаи усули автоматҳои ҳуҷайравӣ (АҲ), пешгӯйии минбаъдаи қаламравҳои зарурӣ ва истифодаи ҳатмии он дар амал имконпазир аст. Барномаи MAP-City, ки дар асоси (АҲ) сохта шудааст, имкон медиҳад, ки сенарияи сохтмонро дар минтақаҳои муайяншуда сохта, давомнокии ҷойивазкуниро коҳиш диҳад.

3.3. Консепсияи такмили низоми сайёҳӣ ва ташаккули сохтори он дар шаҳру ноҳияҳои ҶТ. Дар доираи мавзӯи таҳқиқотшуда, консепсияи нави ташкили меъморию лоиҳасозии маҷмааи туристӣ дар яке аз роҳҳои ағбаҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Ҷойгоҳи пешбинишуда таҳияи схемаи нави консептуалии ба нақша гирифтани маҷмааи сайёҳиро дар ҳудуди ағбаи Шаршар пас аз баромадан аз нақби “Озодӣ” дар Норак интихоб гардид. Ин мавзеъ дар баландии 1500 метр аз сатҳи бахр ҷойгир буда, ба минтақаи доманакуҳҳо ва куҳҳои паст мувофиқ, шароити мусоиди табиию иқлимӣ ва иқлими нисбатан мулоим дорад. Майдонҳое, ки пеш аз ворид шудан ба ағба ё пас аз гузаштани он ҷойгир шудаанд, истгоҳҳое мебошанд, ки дар он бозорҳои маҳаллӣ, марказҳои нақлиётӣ, хӯрокворӣ ва дигар иншооти инфрасохтори ба он алоқаманд ташкил карда шудаанд. Иншоот аз лиҳози гашти зиёди нақлиётӣ серталаб аст. Пешниҳоди мазкурро метавон бо як қатор сабабҳо оптималӣ номид:

• Инфрасохтори омодашуда;

• Алоқаи роҳҳои ба танзим даровардашуда;

• Дорои таваққуфгоҳ;

• Релйефи нотакрор;

• Гуногунии шароитҳои иқлимӣ вобаста ба сатҳи баланд;

Дар охири диссертатсия натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии анҷомдодашуда ҷамъбаст карда мешаванд, ки ба такмили принсипҳои ташкили меъморӣ ва фазоии инфрасохтори сайеҳӣ мусоидат мекунанд.

## ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ
## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

1.Тадқиқоти марҳилаҳои рушд ва ташаккули роҳи Бузурги Абрешим (РБА), ки Шарқ ва Ғарбро мепайвандад, ҳамчун пайвастшавӣ ва муайян намудани шаҳрҳои асосӣ, ки дар РБА ташаккул ва дар асри II пеш аз милод рушд ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад. Гузариш аз як маҳалли аҳолинишин ба маҳалли дигари аҳолинишин, пиеда, бо шутур, асп, сипас тавассути нақлиети баҳрӣ сурат мегирад. Дар маҳалҳо зерин ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва ғайра инкишоф ёфтааст. Тоҷикистон объекти муҳим дар хатсайрҳои РБА буда, яке аз қисматҳои муҳими роҳ мебошад.

Роҳҳо: Суғд → Қаротеғин → Хатлон → Помир.

Омилҳо: ҷойгиршавӣ → муносибатҳои тиҷоратӣ → мубодилаи мутақобила → фарҳангӣ-этникӣ → рӯзмарра → таърихӣ → арзишҳои идеологӣ. Ҳангоми ташкили инфрасохтори туристӣ мероси ғании фарҳангӣ ва таърихии хатсайрҳои чандинасраи мавҷуд бударо бояд истифода намоем.

2. Пас аз омӯхтани мавқеи муосири қаламрави ҶТ ҷиҳати мавҷудияти дарёҳо, манбаъҳои об ва минтақаҳои муҳофизатӣ-мамнӯъгоҳӣ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки табиати Тоҷикистон манбаи сарватҳои бепоени табиӣ ва таърихӣ-мемориалӣ мебошад [1-М]. Дар пасманзари омӯзиши шумораи дарёҳо ва захираҳои об, ки манзараи табиии шаҳракҳо ва деҳотро ғанӣ ва оро медиҳанд. Дар сурати дуруст истифода бурдани онҳо, беҳтар шудани сатҳи инфрасохтори туристӣ, ки яке аз самтҳои муҳими рушд ва беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад, мусоидат мекунад. Маълумотҳои пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳудуди Тоҷикистон аз мавзеъҳои зебои табиии, мамнӯъгоҳҳои табиӣ бой аст, ки онҳоро қариб дар ҳама минтақаҳои кишвар – аз Суғд то Помир дидан мумкин аст [2-М]. Ин маротибаи дигар имконпазирии рушди салоҳиятноки инфрасохтори туристӣ тавассути банақшагирии дурусти фароғатӣ дар минтақаҳо ва таҳияи сенарияи сафарҳои туристӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро исбот мекунад.

3. Дар шароити Тоҷикистон намудҳои рушди сайёҳӣ аз ҷойгиршавӣ ва минтақабандии фароғатии қаламрав ва хусусиятҳои он вобаста аст. Соҳаи сайёҳӣ бо равандҳои табиӣ-иқлимӣ, таърихӣ, меъморӣ, бостоншиносӣ, саноатӣ, илмӣ, динӣ ва зеҳнӣ алоқаманд аст. Дар оянда минтақаҳои ошкоршуда метавонанд ба марказҳои ҷалби сайеҳон табдил ва мавзӯъҳои сайёҳиро гуногун кунанд [3-М].

4. Мушкилоти ташкил ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ бояд ба таври муфассал таҳия ва пешгӯии сохторҳои фароғатии интихобшуда барои потенсиал ва даромаднокӣ зарур бошад. Соҳаҳои хизматрасонӣ:

- нақлиёт;
- ҷойгиркунӣ;
- хизматрасонии меҳмоннавозӣ;
- объектҳои хӯроки умумӣ;
- муассисаи фароғатӣ;

5. Таҳлили масъалаи ташкили инфрасохтори туристӣ дар шароити Тоҷикистон, ки зарурат ва имконпазирии тағйир додани он асоснок карда шуда, яке аз мушкилотҳои умумии муайяншуда гуногунрангӣ, набудани низом ва ҳолати ғайриқаноатбахши муассисаҳои курортию санаторӣ, ки маҳз дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ ва берун аз он тарҳрезӣ шуда буд, ки дар он меъмории бруталии шӯравӣ қомат афрохтааст, ба истисноӣ кишварҳои

аврупоӣ, ки биноҳои он давра пас аз ҷониби меъморони олмонӣ азнавсозӣ шудаанд, талабот пайдо карданд. Типизатсия ва интернатсионалӣ дар фаҳмиши манфии ин истилоҳи меъмории асри XX, ба бекорӣ ва бетаваҷҷӯҳӣ ба таҷдиду барқарорсозии ин намуди иншоот оварда расонд, ки бисере аз онҳо дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ мебошанд.

6. Сохтори орографии қаламрави ҷумҳурӣ, мураккабии омилҳои табиӣ ва иқлимӣ, шартҳои бечунучаро мебошанд, ки ҳангоми банақшагирии маҷмааҳои фароғатӣ, ки ба талаботи муосири сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошанд, бояд ба назар гирифта шаванд [4-А].

7. Мавзӯъҳои асосии сайёҳӣ дар минтақаҳои фароғатӣ муайян карда шуда, инфрасохтори мавҷудбудаи сайёҳӣ ва омилҳои асосии ташкили он дар Тоҷикистон (табиӣ-иқлимӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ) омӯхта шуданд ва маълумотҳои гуногуни оморӣ ва мисолҳои рушди сайёҳӣ дар дигар кишварҳо низ оварда шуданд, инчунин дурнамои навсозии маҷмааҳои фароғатии ҶТ дар мисоли маҷмааҳои мавҷудбуда ва дурнамои рушди минбаъдаи инфрасохтори сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта шуданд.

8. Таҷрибаи ташкили инфрасохтори сайёҳӣ дар таҷрибаи кишварҳои хориҷие, ки дар РБА қарор доранд ва шароити табиии шабеҳ доранд, омӯхта шуда, имконияти ошкор намудани мушкилоти умумии маҷмааҳои фароғатӣ муайян карда шуданд.

9. Меъёрҳои арзёбии ҳолати иқтидори фароғатии маҷмааҳои сайёҳӣ, аҳамияти иҷтимоии онҳо, мавсимӣ, нархгузорӣ муайян карда шуданд.

10. Маълумоти омории Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи шумораи ташрифҳо, намуди ҷойгиршавӣ омӯхта шуд, ки имкони пешниҳодҳои таҷдиди минбаъдаи онҳо гардид.

11. Пас аз омӯзиши пешрафт дар соҳаи технология, ҳалли барқарорсозии ёдгориҳои меъморӣ ва таърихӣ пешниҳод карда шуд. Роҳи алтернативии эҷоди ҳалли композитсионӣ, меъморӣ - фазоӣ барои маҷмааҳои сайеҳии ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шуд.

Модернизатсияи нозуки сайёҳӣ тавассути ҳамгироии технологияҳои нав имкон медиҳад, ки инфрасохтори сайёҳӣ ва иҷтимоӣ босуръат рушд карда, захираҳои мавҷудаи фароғатиро ҷалб намуда, мероси фарҳангӣ ва таърихии кишварро ҳифз намояд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Дар натичаи таҳқиқот принсипҳои нави асосноки илмии ташаккули меъморӣ-фазоии инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шуданд. Консепсияҳои азнавсозӣ дар мисоли маҷмааҳои мавҷудаи рекреатсионӣ дар шароити табиию иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Онҳо метавонанд дар таҳияи ҳалли меъморию лоиҳасозии ташаккул ва ташкили маҷмааҳои истироҳатии сайёҳӣ асос гарданд.

2. Истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда мешавад, ки имконияти оптималии ҳалли банақшагирии ҳаҷмӣ дар азнавсозӣ ва лоиҳасозии маҷмаҳои сайёҳӣ таъмин гардад [3-М].

3. Консепсияҳои пешниҳодшуда оид ба азнавсозӣ ва ташаккули маҷмааи сайёҳӣ бо роҳи муайян кардани маконҳои дорои иқтидори сайёҳии баланд барои ташкили минтақаи рекреатсионӣ мувофиқанд.

4. Бартарии дигари амалии муқаррароти умумии таҳияшуда интихоби тарҳи меъмории комплекси сайёҳӣ бо назардошти шароити маҳаллии сохтмон, таъмини ҳифзи зарурии иншоот аз омилҳои хатарноки табиию иқлимӣ мебошад [7-А].

5. Натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсияро барои истифода дар ташкилотҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйӣ ва дар раванди тартиб додани меъёр ва қоидаҳо, дар азнавсозии иншоотҳои мавҷудбудаи осоишгоҳҳои сайёҳӣ ва дар ташаккули меъморию нақшакашии инфрасохтори сайёии Тоҷикистон ва КВД Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД ПИТЛ «Душанбешаҳрсоз» барои амалӣ гардонидан қабул карда шуданд. Инчунин ба раванди таълими Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил карда шудаанд.

**Мазмуни асосии кори диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:**

*Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии рӯйхати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.*

[1-М] **Рахматуллаева, Н.И.** Поиск принципов формирования туристской и социальной инфраструктуры горных регионов сельской местности Таджикистана [Текст] / Н.И. Рахматуллаева // Вестник Таджикского технического университета. Серия инженерных исследований. -2021. - №2 (54). - С.151-155.

[2-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Анализ и сравнение территории республики Таджикистан на наличие рек, водных источников, исторических и охранно-заповедных зон [Текст] / С.С. Тиллоев, Н.И. Рахматуллаева // Вестник Таджикского технического университета. Серия инженерных исследований. -2022. - №3 (58). - С.135-130.

[3-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Основные Природно-Климатические Факторы, Влияющие На Методы Проектирования В Условиях Горного Ландшафта Таджикистана [Текст] / Н.И. Рахматуллаева // Вестник Таджикского технического университета. Серия инженерных исследований. -2023. - №4 (58). - С.76-81.

[4-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Вопросы стратегического градостроительно-ландшафтного планирования и жизнестойкости городов и районов Таджикистана [Текст] / Ш.И. Рахматуллозода, Н.И. Рахматуллаева // Вестник Таджикского технического университета. Серия инженерных исследований. - 2023. - №4 (64). - С.64-67.

**Мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳо.**

[5-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Национальное своеобразие тенденций в архитектуре таджикистана конца XX – начало XXI вв [Текст] / С.С. Тиллоев, Ф.Ё. Эмомова, Н.И. Рахматуллаева // Республиканский научно-практический семинар «Реализация генплана – на основе творческого источника: эффективное использование норм и правил градостроительства и строительства» Технический университет Таджикистана им. акад. М.С. Осими. Душанбе, 2020. – С. 180-184.

[6-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Основные требования и развитие достижений в сфере архитектуры и дизайна [Текст] / Н.И. Рахматуллаева // Материалы республиканской научно-практической конференции для преподавателей, студентов, магистров, и молодых ученых по теме “Развитие Архитектуры и строительство зданий в период независимости Таджикистана”– Душанбе, 2021. - С. 108-112.

[7-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Конструкция домов в горных районах Таджикистана [Текст] / Н.И. Рахматуллаева, Г.Х. Рузиева // Материалы республиканской научно-практической конференции для преподавателей, студентов, магистров, и молодых ученых по теме «Развитие Архитектуры и строительство зданий в период независимости Таджикистана» Технический университет Таджикистана им. акад. М.С. Осими. Душанбе, 2021. - С. 114-116.

[8-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Основные процедуры проектирования / [Текст] / Н.И. Рахматуллаева, Г.Х. Рузиева // Материалы республиканской научно-практической конференции для преподавателей, студентов, магистров, и молодых ученых по теме «Развитие Архитектуры и строительство зданий в период независимости Таджикистана» Технический университет Таджикистана им. акад. М.С. Осими. Душанбе, 2021. - С. 112-115.

[9-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Социально экономическое развитие региона: История, Культура, Экологическое образование в Таджикистане [Текст] / Н.И. Рахматуллаева // Материалы международной научно-практической конференции молодых ученых и студентов «Моисеевские чтения 2023» Пензенский государственный университет. Пенза, 14 декабря 2023. – С. 185-188.

[10-А] **Рахматуллаева, Н.И.** Мониторинг объектов строительства [Текст] / Ш.И. Рахматуллозода, Н.И. Рахматуллаева // Материалы международной научно-практической конференции молодых ученых и студентов «Моисеевские чтения 2023» Пензенский государственный университет. Пенза, 14 декабря 2023. – С. 89-94.

# РЕЗЮМЕ

**диссертация Рахматуллаевой Насибы Игоревны на тему «Принципы архитектурно пространственного формирования туристской инфраструктуры Таджикистана», на соискание ученой степени, доктора PhD, по специальности 6D042000 – Архитектура (6D042001 – Теория и история архитектуры, реставрация и реконструкция историко-архитектурного наследия).**

**Ключевые слова:** застройка, турист, строительство, планировка, туристская инфраструктура, принципы, поселения, реконструкция, моделирование, архитектура, климат, комфорт, туристический комплекс.

**Целью диссертационной работы** является изучение и усовершенствование основных принципов и методов архитектурно-пространственного формирования туристской инфраструктуры Республики Таджикистан.

**Полученные результаты и их новизна:** заключаются в усовершенствовании научно обоснованных принципов архитектурно-пространственных концептуальных решений в особых природно-климатических условиях Республики Таджикистан, которые могут стать основой для разработки архитектурно-пространственных решений по реконструкции и реновации туристических санаторно-курортных комплексов Таджикистана.

— рассмотрении новых архитектурно-пространственных образов и объемно-композиционных решений по реконструкции рекреационных комплексов и объектов туристской инфраструктуры;

— усовершенствовании архитектурно-пространственных концептуальных решений, применяемых при формировании туристской инфраструктуры с учетом природно-климатических условий РТ;

— изучении современных методов автоматизации архитектурно-проектировочных процессов;

— определении возможностей интеграции новейших технологий при формировании объектов туризма с учетом природно-климатических условий РТ.

**Рекомендации по использованию:** полученные результаты диссертации позволят модернизировать архитектурно-пространственные образования на примере существующих объектов туристской инфраструктуры и создать разнообразные типы концептуальных предложений применимых в условиях Таджикистана.

**Основные результаты диссертационной работы** приняты к внедрению ГУП НИИ «Строительство и архитектура» Комитета по архитектуре и строительства Республики Таджикистан и ГУП НИПИ «Душанбешаҳрсоз», а также внедрены в учебный процесс кафедр «Архитектура и Дизайн» и «Дизайн архитектурной среды и реставрация» ТТУ имени акад. М.С. Осими.

**Область применения:** в проектных институтах, при проектировании и реконструкции объектов туристской инфраструктуры, а также в учебном процессе ВУЗов.

# ШАРҲИ МУХТАСАР

**ба диссертатсияи Раҳматуллаева Насиба Игоревна дар мавзӯи “Принсипҳои ташаккули меъморӣ – фазоии инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D042000 - "Меъморӣ" (6D042001 – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ).**

**Калимаҳои калидӣ:** иморатҳо, сайёҳ, сохтмон, тарҳсозӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, принсипҳо, маҳалҳои аҳолинишин, азнавсозӣ, модулкунонӣ, меъморӣ, иқлим, боҳаловатӣ, маҷмааи сайёҳӣ.

**Мақсади тадқиқот:** таҳияи принсипҳои ташаккули меъморӣ ва банақшагирии инфрасохтори сайеҳӣ ва иҷтимоии маҳалҳои аҳолинишини деҳоти Тоҷикистон мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** такмили принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи қарорҳои консептуалии меъморӣ-фазоӣ дар шароити махсуси табиӣ-иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонанд барои таҳияи қарорҳои меъморӣ-фазоӣ оид ба таҷдиди маҷмааҳои сайеҳии шифохона-курортӣ асос гарданд.

- пешниҳоди тасвирҳои нави ҳаҷмӣ-меъморӣ ва ҳалли ҳаҷмӣ-композитсионӣ оид ба таҷдиди маҷмааҳои фароғатӣ ва объектҳои инфрасохтори сайеҳӣ;

-такмили ҳалли консептуалии меъморӣ-фазоӣ, ки ҳангоми ташаккули инфрасохтори сайеҳӣ бо назардошти шароити табиӣ-иқлимии ҶТ истифода мешаванд;

- пешниҳоди усулҳои автоматикунонии равандҳои меъмории лоиҳакашӣ, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир;

- муайян намудани имкониятҳои ҳамгироии технологияҳои навтарин ҳангоми ташаккули объектҳои сайеҳӣ бо назардошти шароити табиӣ-иқлимии ҶТ.

**Тавсияҳо барои истифода:** Натиҷаҳои диссертатсия имкон медиҳанд, ки сохторҳои меъморӣ ва фазоӣ дар мисоли иншооти мавҷудаи инфрасохтори сайеҳӣ навсозӣ карда шаванд ва намудҳои гуногуни пешниҳодҳои консептуалӣ дар шароити Тоҷикистон татбиқшаванда пешниҳод карда шаванд.

**Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ** дар КВД Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД НИПИ «Душанбешаҳрсоз» барои амалӣ гардонидан қабул карда шуданд. Инчунин ба раванди таълими Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил карда шудаанд.

**Ҷои истифодабарӣ**: дар институтҳои лоиҳакашӣ, ҳангоми лоиҳакашӣ ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори сайеҳӣ, инчунин дар раванди таълими Донишгоҳҳо.

**SUMMARY**

**of the dissertation of Rakhmatullaeva Nasiba Igorevna on the topic "Principles of architectural and spatial formation of the tourist infrastructure of Tajikistan", for the degree of Doctor of PhD, specialty 6D042000 - Architecture (6D042001 – Theory and history of architecture, restoration and reconstruction of historical and architectural heritage).**

**Keywords:** development, tourist, construction, planning, tourist infrastructure, principles, settlements, reconstruction, modeling, architecture, climate, comfort, tourist complex.

**The purpose of the study** is to study and improve the basic principles and methods of architectural and spatial formation of the tourist infrastructure of the Republic of Tajikistan.

**Research methods.** The methodological basis of the study was developed on the principle of unity of the research process and practical activities carried out according to a single program.

**The main results of the scientific work** are the improvement of scientifically based principles of architectural and spatial conceptual solutions in the special natural and climatic conditions of the Republic of Tajikistan, which can become the basis for the development of architectural and spatial solutions for the reconstruction and renovation of tourist sanatorium complexes in Tajikistan.

**The scientific novelty of the research** lies in the enhancement of scientifically grounded principles for architectural and spatial conceptual solutions tailored to the unique natural and climatic conditions of the Republic of Tajikistan. These advancements provide a foundation for the development of architectural and spatial approaches to the reconstruction and renovation of Tajikistan's tourist sanatorium and resort complexes.

- exploration of innovative architectural and spatial forms and volumetric-compositional solutions for the reconstruction of recreational complexes and tourism infrastructure facilities;
- improvement of architectural and spatial conceptual frameworks used in the design of tourism infrastructure, with a focus on the natural and climatic conditions of the Republic of Tajikistan;
- investigation of modern methods for automating architectural design processes;
- identification of opportunities for integrating cutting-edge technologies into the development of tourism facilities, considering the natural and climatic specifics of the Republic of Tajikistan.

**Recommendations for the use of the results** are reconstruction using the example of existing tourist infrastructure facilities and an architectural and spatial conceptual solution for the project of tourist architectural and spatial formation, which is confirmed by the implementation of the results of this study in the practical activities of the State Unitary Enterprise Research Institute "Construction and Architecture" of the Committee on Architecture and Construction under the Government of the Republic of Tajikistan and the State Unitary Enterprise NIPI "Dushanbeshakhrsoz".

**Scope of application:** in design institutes, in the design and reconstruction of tourist infrastructure facilities and architectural and spatial formation in both detailed and complex meanings, as well as in the educational process of universities.